# Протоколи Маҷлиси Гурӯҳи РЕАКТ

**28 - уми июли соли 2011**

---

## Ситод оид ба Ҳолатҳои Фавқулодда ва Мудофиаи Граждании минтақаи Кӯлоб

---

Маҳаллаи Борбад № 17, шаҳри Кӯлоб, вилояти Хатлон, Ҷумҳурии Тоҷикистон

---

**Иштирокчиён:**

| Намояндаи муассиса | Ному насаб | Вазифа |
|---|---|---|
| Ситод оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании минтақаи Кӯлоб | Неъматов Рамазон | Сардори Ситод |
| | Азимов Махмадкабир | Сардори курсҳои байниноҳиявии Ситод |
| | Розиқов Шодӣ | Сардори гурӯҳи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуди Ситод |
| Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда | Шомаҳмадов Алишо | Сардори Маркази Иттилоотию Таҳлилӣ |
| Кумитаи заминосозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Саидов Мирзо | Директори Маркази Илмӣ-Тадқиқотӣ |
| Барномаи Рушди Созмони Миллали Муттаҳид, шаҳри Кӯлоб | Абдуалимов Қурбоналӣ | Муҳандис |
| Барномаи Рушди Созмони Миллали Муттаҳид, шаҳри Душанбе | Сабзалиев Анвар | Мутахассиси барнома |
| | Кандиков Маъруф | Офисери барнома оид ба ҳолатҳои фавкулодда |
| Миссияи Шарқ, шаҳри Кӯлоб | Шомадов Шодӣ | Офисери калони барнома |
| | Фазилатов Абдукарим | Раиси коалитсияи Зираки, н. Кӯлоб |
| | Талбаков Турахон | Раиси коалитсияи Пахтакор 1, н. Восеъ |
| | Валиев Саъдулло | Раиси коалитсияи Мичурин, н. Восеъ |
| | Латифов Сайҷамол | Раиси коалитсияи Пахтаобод, н. Восеъ |
| Оксфам, шаҳри Кӯлоб | Каримов Зубайдулло | Офисери барнома |
| | Абдулвоҳидов Носир | Офисери барнома |
| Ташкилоти ҷамъиятии «НАСИП – АПК», шаҳри Душанбе | Бозоров Шавқат | Директори ташкилот |
| | Баҳриддинов Саймурод | Менеҷери ташкилот |
| | Бозоров Мурод | Мутахассиси барнома |

**Рӯзнома:**

1. Шиносоӣ – Раиси маҷлис;
2. Маълумот ва навигариҳо оид ба офатҳои табиӣ дар минтақаи Кӯлоб – СҲФ ва МГ;
3. Муаррифии лоиҳаи Системаи Огоҳкунии Саривақтии Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид;
4. Муҳокима оид ба беҳтар намудани фаъолиятҳои гурӯҳи РЕАКТ – и минтақаи Кӯлоб - Шарикон;
5. Шиносоии котиби нави гурӯҳи РЕАКТ –и минтақаи Кӯлоб – Зубайдулло Каримов, Оксфам;
6. Ахборот аз тарафи шарикон;
7. Муайян намудани рӯзномаи маҷлиси оянда – Раиси маҷлис.

**1. Шиносоӣ**

Сардори Ситод оид ба Ҳолатҳои Фавқулодда ва Мудофиаи Граждании минтақаи Кӯлоб подполковник, Неъматов Рамазон, маҷлиси навбатии гурӯҳи РЕАКТ – ро бо шиносоии иштирокчиён оғоз намуд.

**2. Маълумот ва навигариҳо оид ба офатҳои табиӣ дар минтақаи Кӯлоб**

Мувофиқи маълумоти подполковник, Неъматов Рамазон дар моҳи Июли 2011, дар минтақаи Кӯлоб ягон ҳодисаи фавқулоддаи табиӣ ба қайд гирифта нашудааст.

**3. Муаррифии лоиҳаи Системаи Огоҳкунии Саривақтии Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид**

**Бозоров Шавқат, Директори ташкилоти ҷамъиятии “НАСИП – АПК”** баромад карда, лоиҳаи “Ташкил кардани системаи огоҳкунии саривақтӣ дар соҳили сойи Тебалай” – ро ба ҳозирин муаррифӣ намуд. Лоиҳаи мазкур бо дастгирии Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид амалӣ хоҳад гашт. Мӯҳлати лоиҳа 4- моҳро дарбар гирифта, аз 15-уми июли соли 2011 оғоз гардида аст. Ҳадафи асосии лоиҳа ин ба роҳ мондани системаи огоҳкунии саривақтии (СОС) самаранок, баланд бардоштани фаҳмиши аҳолии осебпазир, ки дар соҳили сойи Тебалай зиндагӣ доранд оид ба хатарҳо ва манбаъҳои таҳдиди офатҳои табиӣ, омодагӣ ва коркарди чораҳои амалӣ оид ба пешгирӣ ва паст кардани хатари офатҳои табиӣ мебошад. Баҳрагирандагони лоиҳа зиёда аз 80 ҳазор нафар сокинони 20 маҳаллаҳои аҳолинишинии соҳили сойи Тебалай мебошанд. Инчунин вазифаҳо ва фаъолиятҳои банақшагирифтаи лоиҳа муфассал пешниҳод гардонида шуд.

Ин лоиҳа дар ҳамкории зич бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб, Ситод оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании минтақаи Кӯлоб, идораи минтақавии Барномаи Рушди Созмони Миллали Муттаҳиди шаҳри Кӯлоб ва ҳамкорони гурӯҳи РЕАКТ амалӣ хоҳад гашт.

Барои самаранок амалӣ гардонидани фаъолиятҳои банақшагирифтаи лоиҳа, гузаронидани вохӯриҳо, баҳогузорӣ ва омӯзишҳо ба нақша гирифта шудааст.

Таҷҳизотҳои системаи огоҳкунии саривақтӣ бояд оддӣ бошанд, ки аҳолӣ онҳоро бо осонӣ идора карда тавонанд. Дар ҳозира се вариант пешниҳод гардида аст. Якум ин таҷҳизонидани сиренаи механикӣ (асбоби баландгӯяк). Дуюм ин расонидани маълумоти саривақтӣ ба воситаи ахбороти SMS тавассути телефонҳои мобилӣ. Сеюм ин таҷҳизонидани сиренаи электрикӣ.

**Фикру пешниҳодҳои иштирокчиён:**

- Ташкилоти Миссияи Шарқ дар якҷояги бо Ситод оид ба Ҳолатҳои Фавқулодда кор карда истодаанд, ки хабарҳои лозимӣ ба воситаи SMS тавассути телефонҳои мобилӣ расонида шавад. Аз ин рӯ, дар ҳамин самт якҷоя фаъолият кардан даркор аст.
- Минтақаҳои ҷамъшавии обҳои селгузари соҳили сойи Тебалай баҳогузорӣ карда шавад. Чунки агар шаҳри Кӯлоб аз сатҳи баҳр дар баландии 600 метр ҷойгир бошад, пас ноҳияи Шуробод дар баландии 2000 метр ҷойгир аст ва дар вақти боронгариҳо суръати оби сели сойи Тебалай баланд мегардад.
- Дар мавзеъҳои гуногуни сойи Тебалай ҳисобчуби (рейкаи) об ченкунӣ гузошта шавад, ки ба воситаи он сатҳи баландшавии об ва хатари сел муайян карда шавад.
- Дар баъзе деҳаҳо, агар гурӯҳҳои идоракунии офатҳои табиӣ ташкил карда шуда бошад, пас бо он гурӯҳҳо ҳамкорӣ кардан даркор аст.
- Гурӯҳҳои ташкилшуда бояд дар вақтҳои боришот, навбатдории шабонарӯзиро ба роҳ монанд.
- Дар системаи огоҳкунии саривақтӣ якчанд вариантҳо бояд дар як вақт ба роҳ монда шавад. Чунки мардум дар шаб аз соати 10:00 то 4:00-и саҳарӣ имконияти хондани хабари SMS-ро надоранд. Мардум бештар ба аёниятҳо бовар мекунанд.
- Алоқаи аввалин аз манбаъҳои хатарҳои офатҳои табиӣ бояд дар аввал ба Ситод оид ба Ҳолатҳои Фавқулодда расонида шавад ва аз тарафи Ситод оид ба Ҳолатҳои Фавқулодда ба дигар минтақаҳои аҳолинишин сари вақт расонида шавад.
- Барои ба кор даровардани сирена нерӯи алтернативии офтобӣ истифода бурда шавад.

Дар рафти амалӣ гардидани лоиҳа фикру андешаҳои иштирокчиёни гурӯҳи РЕАКТ ба назар гирифта мешаванд.

**Ҳисоботи натиҷаҳои тадқиқоти инженерию геологии сойи Тебалай**

Шомаҳмадов Алишо, Сардори Маркази Иттилоотию Таҳлилии Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва Саидов Мирзо, Директори Маркази Илмӣ-Тадқиқотиии Кумитаи заминосозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба натиҷаҳои тадқиқоти инженерию геологии сойи Тебалай маълумот доданд. Тадқиқоти мазкур бо дастгирии Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид гузаронида шуд. Селҳои калон дар сойи Тебалай дар давоми 50 сол як ё ду маротиба ба вуқӯъ меояд.

Умуман, пайдоиши сойи Тебалай аз ҳисоби геологӣ, тақрибан 10 ҳазор солро дарбар мегирад. Солҳои пештар селҳои калон меомад. Баъдан сойи Тебалай кушод гардид ва баъзе минтақаҳо ҳамвор гардид. Ҳоло нисбати солҳои пешина ҳаҷми сел камтар ба вуқӯъ меояд. Асосан маркази пайдошавии сел ин минтақаҳои болоӣ мебошад, ки харитаи онҳо кашида шуданд. Иншоотҳои соҳилмустаҳкамкунӣ низ таъмирталаб ҳастанд. Инчунин тавсия доданд, ки барои паст кардани хатари сел дар сойи Тебалай дамбаҳо ва иншоотҳои пасткунандаи суръати сел сохта шаванд. Дар ин иншоотҳо имконияти дастрас кардани  сангу шағал пайдо мегардад, ки барои корҳои сохтмонӣ манфиатбахш аст. Ҳисоботи тадқиқот ба таври электронӣ ба иштирокчиён равон карда мешаванд.

**4. Муҳокима оид ба беҳтар намудани  фаъолиятҳои гурӯҳи РЕАКТ**

Дар минтақаи Кӯлоб, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ҷамъиятӣ дар ҳамкорӣ бо Ситод оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании минтақаи Кӯлоб кору фаъолият доранд. Инчунин намояндагони ташкилотҳои байналмилалӣ ва ҷамъиятӣ аз шаҳри Душанбе низ  дар маҷлисҳои гурӯҳи РЕАКТ иштирок доранд.

**Фикру пешниҳодҳои иштирокчиён:**

- Намояндагони мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо аз минтақаи Кӯлоб, васоити ахбори омма ба монанди телевизион ва радио, идораҳои бонуфузи сохтмоние, ки барои соҳилмустаҳкамкунӣ масъуланд аз рӯи масъалаҳои алоҳидаи лозимӣ дар маҷлисҳои гурӯҳи РЕАКТ ҷалб карда шаванд, ки ин самт барои самаранок амалӣ кардани фаъолиятҳо мусоидат хоҳад кард.
- Намояндагони мақомотҳои дахлдори минтақавии Кӯлоб ба монанди Маркази Эпидемиологию Санитарӣ, Идораи таъминоти оби нушокӣ ва хоҷагии об  низ дар маҷлисҳои гурӯҳи РЕАКТ ҷалб карда шаванд.
- Намояндагони ташкилотҳои байналмилалие, ки лоиҳа доранд ва ё надоранд, дар маҷлиси РЕАКТ иштирок намоянд.

**5. Шиносоии котиби нави гурӯҳи РЕАКТ –и минтақаи Кӯлоб**

Каримов Зубайдулло, котиби гурӯҳи РЕАКТ, корманди ташкилоти Оксфам аз вазифаи ҳозирааш ба вазифаи дигари ташкилоти Оксфам дар шаҳри Душанбе мегузарад. Аз ин хотир, минбаъд котиби гурӯҳи РЕКАТ – Абдулвоҳидов Носир, корманди ташкилоти Оксфам пешбарӣ гардид. Инчунин Розиқов Шодӣ, Сардори гурӯҳи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуди Ситод оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании минтақаи Кӯлоб дар ҷараёни гузаронидани маҷлисҳои гурӯҳи РЕАКТ мусоидат хоҳад кард.

**6. Ахборот аз тарафи шарикон**

Иштирокчиён пешниҳод намуданд, ки ташкилотҳои байналмилалӣ доир ба лоиҳаҳои амалигардонидаи худ дар давоми соли 2011 ба Ситод оид ба ҳолатҳои

фавқулодда ва мудофиаи граждании минтақаи Кӯлоб ба таври ҳисобот пешниҳод намоянд.

**7. Муайян намудани рӯзномаи маҷлиси оянда**

Аз иштирокчиён хоҳиш карда шуд, ки барои рӯзномаи маҷлиси ояндаи гурӯҳи РЕАКТ, пешниҳодҳои худро пешакӣ ба котиби маҷлиси гурӯҳи РЕАКТ ва Ситод оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании минтақаи Кӯлоб расонанд.

Маҷлисҳои навбатии гурӯҳи РЕАКТ рӯзҳои Панҷшанбеи охири моҳ дар идораи Ситод оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании минтақаи Кӯлоб ба нақша гирифта шудааст.